THE INFORMATIONAL - ANALYTIC BULLETIN

# DEVELOPMENT

## First steps

# Тараққиёт. Қадамҳои аввалин

Бюллетени иттилоотӣ - таҳлилӣ








Нашрияи ҳармоҳаи "Оҷонсии Дастгирии Равишҳои Инкишофи Нав"

№ 5 Май 2011





Бюллетен ҳадаф дорад тавассути баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа аз барномаҳои тараққиёт муҳити манфиатдорро ба вуҷуд оварад.

Аз нав табъкунӣ танҳо бо ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ мумкин аст. Ҳангоми истифодаи маводи чопшуда ишора ба бюллетен ҳатмист.

Масъулияти далелу рақамҳои дар мақолаҳо овардашударо муаллифон ба ӯҳда доранд. Ҳайати таҳририя на бо ҳама муаллифони мақолаҳои дар бюллетен ба табъ расида ҳамфикр аст.
Ҳайъати таҳририя ҳуқуқи таҳрири маводро дорад.

# Дар ин шумора • В этом номере • Бу сонда ўқинг


ҲЕЧ КАС ВА ҲЕЧ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД! ........ 1
НАВИГАРИҲО ........ 2
ШАРҲИ КОМЁБӢ. "БА МАКТАБИ МО БАТАРЕЯИ ОФТОБӢ ОВАРДАНД..." ........ 3
ЭНЕРГЕТИКАИ БОДӢ ........ 5
СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ҶАМОАТИ ТАҒОЯКИ НОҲИЯИ СПИТАМЕН ........ 7
БАҲРАГИРАНДАГОНИ ЛОИҲАИ "РБМ" ДАР СОЛИ 2010 420 С/ГА ҲОСИЛИ ПОМИДОР РӮЁНИДАНД ........ 9
ИШТИРОК ........ 11
КАК ПРОДАТЬ СОЛНЦЕ? МОЖНО ВПОЛНЕ ЗАКОННЫМ СПОСОБОМ ........ 13
ИСТОРИЯ УСПЕХА. ФЕРМЕРЫ ПОЛУЧАЮТ УСТОЙЧИВЫЕ ДОХОДЫ ........ 14
"Я СЕРДЦЕ ОСТАВИЛ В ФАНСКИХ ГОРАХ..." ........ 16
ЙЎЛ ЧЕТИДАГИ ТАБАССУМ ........ 17
ТОК ЎСТИРИШ ВА ПАРВАРИШЛАШ УСУЛЛАРИ ........ 19
КАЛЕНДАРЬ СОБЫТИЙ ........ 20




# ҲЕҶ КАС ВА ҲЕҶ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД!



**Диққат, диққат!** Инҷо Маскав. Ҳамаи радиошунавоии Иттифоқи Советӣ дар амаланд. Бигзор бо нури хотираи посдорӣ, муҳаббат ва бо нури ғаму андӯҳи мо рӯҳи фидоиёни Ватан шод шавад...

Дар хотир дорем...
3 солу 10 моҳу 18 рӯз...
26 миллиону 452 ҳазор нафар қурбони ҷанги Бузурги Ватанӣ гардиданд...

Дар ёд дорем...
Фаромӯш намекунем онҳоеро, ки дар фронт бо душман ва дар сафи партизанҳо ҷангиданд. Онҳое, ки дар контслагерҳои фашистон азият диданд. Дар хотир дорем онҳоеро, ки нахобида, бе истироҳат дар ақибгоҳ меҳнат карданд. Дар ёд дорем онҳоеро, ки то Берлин ва Прага ҷангида рафтанд, инчунин фаромӯш намекунем онҳоеро, ки дар байни мо имрӯз нестанд... Дар ёд дорем он деҳаҳо ва шаҳракҳое, ки тамоман барҳам дода шуданд, ё ки аз рӯи замин батамом несту нобуд карда шуданд... Дар хотир дорем сатҳо шаҳрҳое, ки вайрону хароб карда шуданд, вале решакан нашуданд! Фаромӯш намекунем ҳар як кӯча ва хонаро!
Сарбози ҷанги Бузурги Ватанӣ! Ту худро дар Маскав ва Сталинград зери хатари марг монда онҳоро ҳимоя намудӣ, ба Ленингради ба муҳосираафтода нон расонидӣ, дар танкаҳо назди Прохоров сӯхти... Худро фидо намуда ҷони миллионҳо одамонро наҷот доди. Ту бо гум кардани наздикони худ дар лагерҳои сталинӣ, маҳбусони Освенсим, Бухенвалд ва Дахауро озод намуди... Ту ба ҳудуди бегона ҳуҷум накарди ва ҷӯёни шаъну шараф нагардиди. Ту модар Ватан ва оилаи худро ҳимоя намуди. Дар ёд дорем ҳамаи онҳоеро, ки ба Ғалаба саҳми худро гузоштанд... Ба ҳамаи онҳо сар фуруд меорем.
Солҳо, даҳсолаҳо мегузаранд... Наслҳои нав ба миён меоянд... Аммо, оё қаҳрамонии ҷанговаронро аз ёд бурдан мумкин аст, ки на танҳо ҳаёти моро, балки худи Инсониятро, ки фашист мехост аз байн барад, наҷот доданд...
Дар рӯзи Ғалабаи Бузург ҳамаи мо барои пос доштани хотираи писарон, духтарон, падарон, модарон, бобоҳо, шавҳарон, занон, бародарон, хоҳарон, сафдошон, наздикон ва дӯстоне, ки аз майдони ҷанг барнагаштанд сар фуруд меорем...
Дар навбати худ ҳайати кормандони «ОДРИ Нов» низ ҳамагонро бо ин иди Бузурги Ғалабаи бошукӯҳи мардуми шӯравӣ алайҳи фашизм, табрик мекунад! Миннатдории самимонаи худро ба муҳофизони Ватан изҳор мекунем! Бигзор ҳамеша саломат, умратон тӯлонӣ ва дар ҳар як хонадони мову шумо сулҳ бошад!

# Навигариҳо

## Дар Хуҷанд муаллифони беҳтарини лоиҳаҳои истифодаи дубораи захираҳо соҳиби 4 ҳазор евро шуданд

Дар шаҳри Чкаловск намоишгоҳи дуввуми «Сарфаи энергия ва технологияи истифодаи дубораи захираҳо - 2011» доир гардида, ғолибони он баҳри рушди лоиҳаҳои худ бо 4 ҳазор евро маблағ сарфароз гардонида шуданд.

Дар намоишгоҳи мазкур намояндагони корхонаву ташкилот, созмонҳои ҷамъиятӣ, ихтироъкорон ва ҳамчунин хонандагони мактиби таҳсилоти умумӣ 47 лоиҳаҳои худро бо намунаҳои санҷишӣ, макетҳову нақшаҳо ва маҳсулоти тайёр пешниҳод карда, бо ҳам табодули афкор намуданд.

Дар чаҳорчӯбаи намоишгоҳ ду мизи мудаввари соҳавӣ доир гардида, иштирокчиёни он доир ба масоили истифодаи дубораи маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли ғилофакҳои каммасраф, дастрас кардани биогаз, безарар гардонидани дастгоҳу таҷҳизоти дорои симоб, сохтмони ҳоҷатхонаҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар, истифодаи дубораи партовҳои пластикӣ ва ғайра ибрози андеша карданд.

Муаллифони корҳои беҳтарин соҳиби диплому тӯҳфаҳои арзишманд гардида, КВД «Заря Востока» ва ҶДММ «Қувватшер» барои рушди минбаъдаи технологияҳо оид ба истифодаи дубораи захираҳо соҳиби 2 ҳазор евро шуданд. Донишкадаи боғдорӣ ва сабзавотпарварӣ низ барои технологияҳои инноватсионии агротехникӣ бо ҳамин миқдор маблағ сарфароз гардонида шуд.

Қобили зикр аст, ки намоишгоҳи мазкур аз ҷониби Ҳукумати вилояти Суғд ва шаҳри Чкаловск, Донишкадаи кӯҳкорӣ-металлургӣ (Чкаловск), Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилоят, ҶК «Гурӯҳи ҷавонон оид ба ҳифзи муҳити зист» дар ҳамдастӣ бо созмони байналмилалии «Акт Алянс» ва Дафтари САҲА дар Тоҷикистон созмон дода шуд.

ОИ “Asia - plus”

## Корхонаи нави металлургӣ дар Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон бо сармоягузории ширкати «Консап Комодитиз Инк»-и ИМА ва ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Тоҷикистону Амрико корхонаи нави металлургӣ - Корхонаи муштараки «Анзоб» сохта мешавад.

Дар ин бора ба хабарнигори АМИТ «Ховар» аз маркази матбуоти Вазорати энергетика ва саноати ҶТ иттилоъ доданд.

Тибқи суханони манбаъ иқтидори солонаи корхонаи нав истеҳсоли 5 ҳазор тонна сурмаи металлиро ташкил медиҳад. Дар назар аст, ки корхонаи мазкур соли 2012 бо мусоидати молиявии ширкати амрикоии «Консап Комодитиз Инк» ба фаъолият пардозад.

Корхона дар асоси шартномае, ки моҳи апрели соли 2005 миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати амрикоии «Консап Комодитиз Инк» ба имзо расида буд, ташкил гардид.

Мутобиқи шартномаи баимзорасида фаъолияти асосии корхонаи муштарак истеҳсоли маҳсулоти сурмаи симобдор дар дохили ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

АМИТ «Ховар»

## Таъмини шаҳрвандон бо кор

Дар давоми моҳҳои январ – апрели соли ҷорӣ наздик ба 35 ҳазор нафар шаҳрванд доир ба масъалаи таъмин бо шуғл муроҷиат намуданд, ки ба 12 ҳазору 827 нафари онҳо мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 8 ҳазору 258 нафар шаҳрванд бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин 28 фоизи нақшаи барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ба воситаи квотаҳо 675 нафар ва тавассути корҳои фардӣ 560 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд,- иттилоъ доданд аз бахши робита бо ҷомеаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба мухбири АМИТ «Ховар».

АМИТ «Ховар»

*Икром БОБОЕВ, муҳаррири бюллетен, Умед АБДУВОҲИТОВ, корманди лоиҳавӣ*

*ШАРҲИ КОМЁБӢ*

# «БА МАКТАБИ МО БАТАРЕЯИ ОФТОБӢ ОВАРДАНД...»

ТҶМ «ОДРИ Нов» амалӣ намудани лоиҳаи «Рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа тавассути идоракунии самараноки захираҳои табиӣ дар вилояти Суғд»-ро давом дорад. Дар доираи лоиҳа иншоотҳои иҷтимоӣ, ки ба таъминоти иловагии рӯшноӣ, гармитаъминкунӣ, оби гарм ва қувваи барқ эҳтиёҷ доранд, бо агрегатҳое, ки аз ҳисоби нурҳои офтоб энергия мегиранд таъмин карда шуда истодаанд, инчунин чорабиниҳо оиди истифодабарии самараноки манбаъҳои табиӣ, маҳз оиди сарфакорона истифодабарии ашёҳои сӯзиш (ҳезум, ангишт ва ғ.) гузаронида шуда истодаанд ва корҳо оиди гарминигоҳдории биноҳо амалӣ шуда истодаанд. Таваҷҷӯҳи хоса ба чунин муассисаҳои ҷамъиятӣ, ба монанди муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, инчунин беморхонаҳо ва табобатхонаҳо нигаронида шудааст.



Дар ҷараёни амаликунии лоиҳа аз тарафи комиссияи тендерӣ талабномаҳо барои гузоштан ва таъмин намудан бо батареяҳои офтобӣ, гелиохушккунакҳо барои мева ва сабзавот, коллекторҳои офтобӣ, тафдон ва оташдонҳои каммасраф, гарминигоҳдории биноҳо бо роҳи гузоштани масолеҳи шишагӣ-пластикии ҳавоногузар, инчунин дигар масолеҳи сохтмон барои гарминигоҳдорӣ қабул карда шуданд. Лоиҳаи мазкур дар панҷ ҷамоат, аз он ҷумла дар ноҳияи Ҷ. Расулов ба амал татбиқ шуда истодааст.

Шарту шароитҳо дар муассисаҳои ҷамъиятӣ беҳтар карда шуда истодаанд, махсусан барои хонандагони мактабҳо, ки дар мактаби худ компютер доранд, аз набудани нерӯи барқи мутамарказ акнун вобастагӣ надоранд. Ана оиди ин масъала чӣ менависад талабаи синфи 10а-и мактаби таҳсилоти умумии № 16-и ҷамоати Ғулакандоз Рӯзалӣ Рустамов:

«Ҳамчун иштироккунандаи якчанд олимпиадаҳои фанни ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ гуфтанӣ ҳастам, ки имрӯз барои инсон дар роҳи расидан ба камолоти илму дониш Интернет яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Вақте, ки мактаби моро ба шабакаи Интернет пайваст намудан, мо хело хурсанд шудем, ки ба мо боз шароитҳои мусоиди илмомӯзӣ фароҳам оварда шуданд, вале қувваи барқро ҳар доим қатъ мекарданд ва





мо наметавонистем аз компютер ва Интернет истифода барем. Имрӯз дар мактаби мо умуман шарту шароитҳои дигар муҳайё аст, зеро ба мактаби мо батареяҳои офтобӣ оварданд, ки ин амал ба имконияти бе маҳдудият истифодабарии компютер ва Интернетро дод. Бо ёрии Интернет ман имконияти дар барномаи лагери тобистонаи донишгоҳи «Benjamen Franklin» иштирок намуданро дод. Инчунин бо воситаи Интернет ман почтаи электронии сафоратхонаи ИМА-ро пайдо намудам ва дар давоми 1 моҳ ба саволҳои барномавӣ ҷавобҳои худро ирсол намуда даври 1-умро гузаштам. Дар даври 2-юм ман барои вохӯрӣ бо намояндагони сафорати ИМА таклиф карда шудам.

Дар давоми як моҳ ҳар рӯз дар Интернети мактабӣ машғул шуда ба бисёр натиҷаҳо ноил шудам. Аз номи худам ва аз номи 1325 хонандагони мактабамон миннатдории худро ба роҳбарии мактабамон ва «ОДРИ Нов» баён мекунам, ки мактаби моро бо батареяи офтобӣ таъмин намуданд».

МБЭ барои ҷамоат

Бешубҳа, ин яке аз мисолҳои амаликунии бомуваффақияти лоиҳа мебошад, ки ба дигар шахсони ҳавасманд низ имконияти ибрат гирифтан барои истифодабарии манбаъдаи энергияи офтобиро, на танҳо дар муассисаҳои ҷамъиятӣ, балки дар хонаводаҳо низ медиҳад.

Мактаби мазкур инчунин бо гелиоколлекторҳо барои гирифтани оби гарм аз ҳисоби нурҳои офтоб таъмин карда мешавад.

Ба ҳисоби умумӣ дар н. Ҷ. Расулов 10-то тафдон, 7-то коллектори офтобӣ, 6-то тафдони каммасраф, 5-то гелиохушккунак, 5 батареяҳои офтобӣ тақсим ва гузошта шуданд. Дар 2 нуқтаҳои табобатӣ ва тиббӣ корҳои таъмирӣ барои гармигоҳдории бино гузаронида шуданд, инчунин гузоштани таҷҳизоти биогазӣ дар ҳудуди кооперативи «Сабзавоткор» ва хоҷагии деҳқонии «Яккатут» ба нақша гирифта шудааст.

**P.S Лоиҳаи ТҶМ «ОДРИ Нов» «Рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа тавассути идоракунии самараноки захираҳои табиӣ дар вилояти Суғд» аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо АСТ СА (Британияи Кабир) сармоягузорӣ шудааст. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳа чорабиниҳо оиди омӯзонидани ҷомеаҳои маҳаллӣ ба масъалаҳои самаранокии энергетикӣ ва таъминоти нерӯи барқ, бо роҳи ҷорӣ намудани истифодабарии МБЭ, гузаронида мешаванд.**

**Панҷ КЭҶ дар назди ҷамоатҳо ташкил карда шудаанд. Амалиётҳои гузоштани дастгоҳҳои МБЭ дар объектҳои иҷтимоӣ ва хоҷагиҳои намоишӣ бо мақсади тағйир додани мафкураи аҳолии маҳаллӣ оиди амнияти энергетикӣ, омӯзиш ва паҳн намудани донишу малака идома дорад.**





***Энергетикаи бодӣ — яке аз соҳаҳои энергетика буда, барои истифодабарии энергияи шамол – қувваи кинетикии массаҳои ҳавоӣ дар атмосфера хос гардонида шуда аст. Энергияи бодро ба намудҳои нерӯи барқарор-шаванда алоқаманд мекунанд, зеро он маҳз натиҷаи ҳаракати офтоб мебошад. Дар охири соли 2009 иқтидори умумии тамоми генераторҳои гузошташуда 157 гигаваттро ташкил дод, ки аз нишондоди соли 2000 шаш маротиба зиёд мебошад.***

# Энергетикаи бодӣ

*Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта*

## Ҷиҳати иқтисодии нерӯгоҳи барқӣ-бодии хурд

Дар Россия чунин андешида мешавад, ки истифодабарии генераторҳои шамолӣ дар ҳаёти маишӣ барои таъминоти нерӯи барқ на чандон мувофиқи мақсад аст, ба ин чунин омилҳо сабаб шуда метавонанд:

- Арзиши гарони инвентор (барои коркард кардани ҷараёни (токи) тағйирёбанда ва доимӣ аз генератори бодии ~ 220В 50Гтс гирифташаванда (ва дар вақти синхронизатсиякунонии он бо фазаи шабакаи беруна мавриди коркунии генератор дар як вақт)) истифода бурда мешавад, ~ 50 %- арзиши умумии таҷҳизотро ташкил медиҳад.
- Нархҳои гарони батареяҳои аккумуляторӣ - (ҳамчун манбаъи муттасили нерӯи энергетикӣ дар ҳолати набудан, ё ки гум шудани шабакаи беруна истифода бурда мешавад) тахминан 25%-и арзиши умумии таҷҳизотро ташкил мекунад.
- Баъзан, барои таъмин намудани нерӯи барқи мунтазам ва бо эътимод ба чунин асбоб (таҷҳизот) генератори дизелиро, ки арзишаш бо арзиши тамоми таҷҳизот баробар мебошад, илова мекунанд.

Дар айни замон, новобаста ба баландшавии нархҳои асбобу таҷиҳизотҳои шомили энергия, арзиши аслии нерӯи барқ на онқадар арзиши гарони назаррасро дар ҳаҷми асосии истеҳсолот, дар муқоиса бо дигар хароҷотҳо, ташкил мекунад; аз ҳама чизи муҳим барои истеъмолчӣ эътимоднокӣ ва устувории таъминоти нерӯи барқ боқӣ мемонанд.

Омилҳои асосие, ки ба гароншавии нерӯи барқи аз генераторҳои бодӣ гирифташаванда оварда расондаанд, инҳо мебошанд:

- Зарурияти ба даст овардани нерӯи барқи дорои сифати саноатӣ (дар саноат истифодашаванда) ~ 220В 50 Гтс (истифодабарии инвертор лозим аст)
- Коркунии автономӣ дар давоми якчанд муддат зарур аст (истифодабарии аккумуляторҳо даркор аст)
- Кор кардани муттасил барои истеъмолчиён лозим аст (истифодабарии генератори дизелӣ зарур аст).

Дар вақти ҳозир аз ҳама роҳи мақсадноктари сарфакорона гирифтани нерӯи доимӣ, ё ки тағйирёбанда (лаппиши тағйирёбанда), энергияи ғайри дорои сифати саноатӣ аз генераторҳои шамолӣ ва баргардондани он ба гармӣ бо воситаи ТЭН-ҳо барои гармкунии хона ва гирифтани оби гарм мебошад. Ин схема якчанд ҷиҳатҳои афзалиятнок дорад:

| Манбаъи садо | Дарачаи садо, дБ |
|---|---|
| Ҳадди дардноки шунавоии инсон | 120 |
| Садои турбинаи муҳаррики реактивӣ дар дурии 250 м | 105 |
| Садо аз асбоби метинӣ (отбойный молоток) дар масофаи 7 м | 95 |
| Садои мошинаи боркаш дар суръати ҳаракати 48 км/с дар дурии 100 м | 65 |
| Садонокӣ дар идора | 60 |
| Садои мошинаи сабукрав дар вақти нишондоди суръати ҳаракат 64 км/с | 55 |
| Садои генераторҳои бодӣ дар масофаи 350 км | 35—45 |
| Муҳити садонокӣ дар вақти шабона дар деҳа | 20—40 |

- Гармкунӣ (ягон бино, гармхона ва ғ.) яке аз тарзҳои асосии истеъмоли нерӯи барқ, аз тарафи ҳар як хонадон
- Нақшаи генератори шамолӣ ва автоматикаи идоракунӣ тамоман осон карда мешавад
- Нақшаи автоматика ба таври оддӣ, аз якчанд релеи гармӣ сохта шуданаш мумкин аст
- Ҳамчун аккумулятори энергия бойлери оддиро (асбоби дар зарф обҷӯшонанда) бо об барои гармкунӣ ва таъмини оби гарм истифода бурдан мумкин аст
- Истифодабарии гармӣ на онқадар ба сифат ва мунтазамӣ зарур мебошад: имконияти нигоҳдории ҳавои хонаро дар диапазонҳои васеъ 19 -25 °C ва дар бойлероҳои оби гарм таъминкунӣ 40—97 °C, бе зарар нисбати истеъмолчӣ, мавҷуд аст.

**Ҷиҳатҳои экологии энергетикаи бодӣ**

**Партоваҳо ба атмосфера**

Генератори бодии иқтидораш 1 МВт ҳар сол партоваҳои $CO_2$-ро ба атмосфера 1800 тонна ва $SO_2$-ро 9 тонна, инчунин оксиди азотро (нитроген) то 4 тонна кам мекунад.

Мувофиқи баҳогузории Global Wind Energy Council то соли 2050 энергетикаи бодии ҷаҳон имконияти кам намудани партоваҳои ҳарсолаи $CO_2$-ро то 1,5 миллиард тонна фароҳам меорад.

МБЭ

**Садо**

Таҷҳизотҳои барқӣ-бодӣ ду намуди садоро мебароранд:

- Садои механикӣ - садо аз кори ҷузъҳои механикӣ ва электрикӣ (ин садо дар таҷҳизотҳои барқӣ-бодии муосир тақрибан мушоҳида карда намешавад, вале дар намуди таҷҳизотҳои кӯҳнаи бодӣ ба таври назаррас шунида мешавад)
- Садои аэродинамикӣ - садои шав-шув аз сабаби таъсири ҷараёни шамол ба парраҳои таҷҳизоти бодӣ (дар вақти чарх задании парраҳо аз назди манораи таҷҳизоти бодӣ)

Дар айни замон, барои муайян кардани дараҷаи садои таҷҳизотҳои бодӣ, танҳо усулҳои ҳисобкунӣ истифода бурда мешаванд. Усули новобастаи санҷиши (ҳисобкунии) садои шав-шув, маълумоти дастрасро нисбати садонокии таҷҳизотҳои бодӣ намедиҳад, зеро дуруст муайян кардани садонокии таҷҳизоти бодӣ аз садои шамол дар айни замон имконнопазир аст. Дар наздикии бевоситаи генератори бодӣ дараҷаи садо дар тири чархи шамолӣ аз 100дБ ҳам гузаштанаш мумкин аст. Намунаи чунин ҳисобҳои ғалати сохтмонӣ генератори Гровиан шуда метавонад. Аз сабаби баланд будани садонокӣ, таҷҳизот тахминан 100 соат кор кард ва баъд он таҷзия карда шуд.

Қонунҳое, ки дар Британияи Кабир, Олмон, Ҳолланд ва Дания қабул карда шудаанд, садонокии иншоотҳои барқӣ-бодиро рӯзона то 45 дБ ва шабона то 35 дБ маҳдуд намудаанд. Масофаи камтарини байни иншооти бодӣ ва хонаҳои истиқоматӣ 300 метр мебошад.

*Давом дорад*




# Стратегияи рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҷамоати Тағояки ноҳияи Спитамен

*Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта*




| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|
| Таваллуд | 295 | 297 | 295 | 324 | 413 |
| Никоҳ | 100 | 112 | 169 | 176 | 204 |
| Муҳоҷират | 160 | 200 | 298 | 303 | 304 |




| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бачагони то 16 сола | 4901 | 5171 | 5291 | 5505 | 5697 |
| Нафақахӯрон | 951 | 960 | 983 | 1000 | 1019 |
| Коркунони соҳаи кишоварзӣ | 4241 | 4200 | 4186 | 4100 | 3680 |
| Шумораи оилаҳо | 2260 | 2264 | 2272 | 2280 | 2292 |

**3.** Устувории зисти ҷамоат аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи шуғли аҳолӣ вобастагӣ дорад.

· Имкониятҳои мавҷудбудаи баланд бардоштани шуғли аҳолии аз ҳисоби зиёдтар васеъ намудани доираи ҳизматҳои пулакӣ ва ташкили объектҳои инфрасохтории истеҳсолоти агросаноатӣ, таъминоти обу энергия ва ғ. ба таври пурра истифода намегардад.

**4.** Ҷудо намудани қитъаҳои замин барои ташкил намудани хоҷагии хусусии иловагӣ ва сохтмони хона барои оилаҳои нав боиси ташкилии иқлими хуби рушди устувории ҷамоат дар солҳои оянда мегардад.

· Чунин қарор бояд ба воситаи имтиёзҳои гуногуни молиявию қарзӣ ва пешниҳоди дастгирӣ аз ҷониби роҳбарияти ҷамоат ва кумитаҳои маҳаллӣ амалӣ гардад.

**Диққат: бӯҳрони молиявие, ки ба тамоми мамолики пешрафтаи олам ва ҳамчунин ба Россия, Қазоқистон ва дигар давлатҳои ИДМ паҳн гардидааст муҳоҷирии меҳнатиро аз ҷамоати Тағояк ба миқдори 100 – 150 нафар хеле паст хоҳад кард.**

· Таҷрибаи мамолики хориҷа оиди сохтмони манзил барои ин гурӯҳи аҳолӣ бояд мавриди истифода қарор гирад (қарзи имтиёзноки гаравӣ).

**5.** Аз сабаби он, ки муҳоҷирии мардон ба мамолики дигар ба вуқӯъ пайвастааст ҳиссаи занон дар соҳаи иҷтимоӣ – иқтисодии ҷамоат сол аз сол меафзояд. Чунин равиш дар солҳои минбаъда шояд, ки афзояд.

· Бинобарон ҷалби васеъи занон ба истеҳсолот омӯзиши онҳоро ба касби мардона, мислӣ: механизатор (дар хоҷагии қишлоқ), кор дар таҷҳизот, мошин ва аппарат (дар саноат), дар маъмурият ва дигар соҳаҳо – дар компютер талаб мекунад.

### 3. Сармояи табиии ҷамоати Тағояк: баҳодиҳии қиёсии иқтидори заминӣ

Сармояи табиӣ – замин, ҷангал, канданиҳои фоиданок, захираҳои обӣ ва дигар унсурҳои онҳо амалан барои таъминоти устувории ҳаёти аҳолии ҷамоат истифода мегардад. Аз рӯи дараҷаи кифоягии сармояи табиӣ ҷамоати Тағояк ба сарзаминҳои хуби вилояти Суғд тааллуқ дорад. Замини ҳосилхези ҷамоат метавонад сарчашмаи некӯаҳволии аҳолӣ ва рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ҷамоат гардад.

Иқтидори заминии ҷамоати Тағояк бо маълумоти ҷадвали зерин ифода меёбад:

Ҷадвали №3

| № | Номгӯи замини истифодашаванда | Ҳамагӣ, га | Бо % ба нишондоди умумӣ |
|---|---|---|---|
| I. | Фонди заминӣ (дар ҳудуди ҷамоат) | 6640 | 100 |
| 1 | Маҳсулоти кишоварзӣ | 5265 | 79,3 |
| 2 | Қитъаҳои заминии наздиҳавлигӣ | 401 | 6,0 |
| 3 | Заминҳои президентӣ | 126 | 1,9 |
| 4 | Чарогоҳҳо | 500 | 7,5 |
| 5 | Минтақаи бешазор | 23 | 0,4 |
| 6 | Дар зери замин буда | 245 | 3,6 |
| 7 | Дигар захира | 80 | 1,2 |
| II | Заминҳои корам | 3420 | 100% |
| 1 | Аз он: | | |
| 2 | Обёришаванда | 2120 | 62,0 |
| 3 | Лалмӣ | 1300 | 38,0 |

Ҷадвали №4 (бо ҳисоби гектар)

| Категорияи хоҷагиҳо | Миқдори аъзоён | Масоҳати замин | | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. ХД Саодат | 100 | 68 | 0,68 | 11,5 | 7,5 | 42,4 | 6,6 | |
| 2. ХД Янгиобод | 123 | 174,3 | 1,42 | 80,0 | 11,6 | 18,7 | 55,3 | 9,2 |
| 3. ХД Камолот | 115 | 203,6 | 1,77 | 104,7 | 1,9 | 19,3 | 58,6 | 20,1 |
| 4. ХД Учтеппа | 314 | 556,2 | 1,77 | 224,5 | 8,3 | 59,4 | 157,6 | 107,1 |
| 5. ХД Садо | 115 | 114,8 | 1,00 | 34,3 | 3,8 | 17,4 | 36,3 | 23,2 |
| 6. ХД Оқолтин 2008 | 141 | 116,5 | 0,83 | 29,5 | 4,9 | 21,3 | 51,9 | 9,1 |
| 7. ХД Нормурод ота | 131 | 99,7 | 0,76 | 27,4 | 1,4 | 19,9 | 49,7 | 1,8 |
| 8. Турдибек ота | 135 | 127,3 | 0,94 | 28,3 | 2,6 | 20,4 | 57,3 | 19,1 |
| 9. ХД Парвоз | 113 | 93,3 | 0,83 | 23,6 | - | 16,3 | 41,2 | 12,2 |
| 10. ХД Шавкат - 4 | 429 | 363,5 | 0,85 | 113,6 | 0,7 | 65,4 | 153,6 | 31,2 |
| 11. ХД Баҳор | 108 | 90,5 | 0,84 | 22,6 | - | 12,7 | 41,4 | 13,4 |
| 12. ХД Рӯдакӣ | 114 | 131,9 | 1,15 | 23,4 | 0,3 | 16,9 | 38,9 | 52,5 |
| Хамагӣ | 1938 | 2140,4 | 1,10 | 723,2 | 43,0 | 330,1 | 749 | 295 |



Қисми асосии (79,3%) иқтидори замине, ки дар ҳудуди ҷамоати Тағояк ҷойгир аст бо киштукори маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. Ин заминҳо байни хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳудуди хоҷагиҳои ба номи Сатторов ва Бобоев тақсим гардидааст. Ҳаҷми асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ин хоҷагиҳо истеҳсол мегардад, ки ҷои шуғл барои қисми бештари аҳолии қобили меҳнати аҳолии ҷамоат ба ҳисоб меравад.

Баҳодиҳии иқтидори заминии хоҷагиҳои калони деҳқониву фермерии ҷамоати Тағояк, ки зиёда аз 100 аъзо дорад аз рӯи тақсимоти категорияҳои алоҳида замин судманд аст. Ба ҷадвали №4 нигаред.

Масоҳати замине, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ мувофиқ аст байни хоҷагиҳои деҳқо-

нӣ ба таври адолатнок тақсим шудааст. Масалан, дар чунин хоҷагиҳои деҳқонии калон мисли Парвоз, Шавкат, Баҳор, Оқолтин соли 2008 ба сари ҳар аъзои хоҷагӣ – 0,83 га, дар ХД Саодат – 0,68 га ва ХД Нормурод ота – 0,76 га рост меояд. Аз ҳама нишондоди баланд дар хоҷагиҳои Камолот ва Учтеппа – 1,77 га ва 6 хоҷагиҳои Янгиобод – 1,42 га бар сари ҳар як аъзо мушоҳида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар дигар ХД масоҳати замин ба ҳисоби як аъзои хоҷагӣ дар ХД Ҳосилот 2007 ва ХД Рахмонбердӣ ота байни 1,52 га ва 7,56 га ҷойгир аст. Як қисми ХДФ 2 – 2,8 га замин бар ҳисоби ҳар як аъзои хоҷагӣ дорад.

**Резюме: ислоҳоти адолатноки замин дар асоси иштироки васеъи аҳолӣ, қабули чорабиниҳои асосии давлатӣ бо мақсади танзим намудани чорабиниҳои замину андоз, молиявию қарзӣ иқлими хуби иҷтимоӣ – иқтисодиро фароҳам меоварад ва он сарчашмаи муҳими таъминоти ҳаёти устувор ба ҳисоб хоҳад рафт, ки маблағи зиёдро талаб намекунад.**

*Давом дорад*

*Ботир ҲАМЗАЕВ, корманди лоиҳавӣ*

# Баҳрагирандагони лоиҳаи “РБМ” дар соли 2010 420 с/га ҳосил помидор рӯёниданд

HELVETAS Together for a better world

**Дар соли 2010 ТҶМ «ОДРИ Нов» дуюм марҳалаи лоиҳаи «Рушди Бозори Маҳаллӣ»-ро, ки аз тарафи ташкилоти хориҷии Хелветас дастгирӣ ёфтааст, ба итмом расонид.**

*Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта*

Моҳи майи соли 2010 дар ГФ-ии ноҳияи Ҷ. Расулов «Рӯзи саҳроӣ ва мубодилаи малакаҳо» ташкил карда шуда буд, ки дар он фермерон аз ҷамоати Овчи Қалъачаи н. Б. Ғафуров ва ҷ. Тағояки н. Спитамен иштирок намуданд. Иштирокчиёни рӯзи саҳроӣ бо усулҳо ва тарзҳои парвариши навъҳои тезпази помидор, шинондани ниҳолҳои помидор дар замини кушода ва парваришу нигоҳубини кӯчатҳо шинос шуданд.

Апробатсияи *(тафтишу таҳқиқи кишти зироат барои муқаррар намудани сифату ҳосилнокии он)* майдонҳо гузаронида шуданд, ки дар рафти он имконияти аз ҳар гектар гирифтани ҳосили помидор ба ҳисоби миёна то 400 сентнер муайян карда шуд. Махсусан бояд қайд намуд, ки дар рафти ҷараёни парвариши помидор аз сабаби қимматнокии нуриҳои минералӣ ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо, биоусул ба таври васеъ пахн карда шуд. Маҳз 76%-и миқдори умумии фермерон усули дар боло зикр шударо *(ба бюллетени №4, Апрели 2011 нигаред)* истифода бурда натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд, ки ба арзиши аслӣ ва сифати ҳосили ба даст овардашуда таъсири мусбии худро расонид.

Дар ҷамоати Ғӯлакандоз 2 майдони намоишӣ, дар ҷамоати Янгиҳаёт - 1, дар ҷамоати Тағояк-1, дар ҷамоати Овчи Қалъача 3 майдони намоишӣ интихоб карда шуда буданд. Дар майдонҳои намоишӣ 9 навъи помидор бо истифодабарии ҳар гуна

Рушди бозори маҳаллӣ






агротехнологияҳо шинонида шудаанд. Таҳлили хоки ҳамаи майдонҳои намоишӣ гузаронида шуда, натиҷаи таҳлилҳо муайян карда шуданд. Асосан мониторинги рушди зироатҳо ва машваратдиҳии фермерон дар вақти ташрифҳои муқаррарӣ, ё ки дар мавриди таклифи худи фермерон дар ҳолати ба вуқӯъ омадани муаммоҳо дар заминҳои онҳо гузаронида мешаванд. Масъалан, соли гузашта дар н. Б. Ғафуров бо муаммои паҳншавии касалиҳои растаниҳо дар майдонҳои парвариши помидор дучор шуданд, ки дар натиҷа муайян карда шуд, ки сабаби пайдо шудани касалиҳо ин миқдори зиёди боришот дар давраи нашъунамоёбӣ мебошад. Агроном-мушовири лоиҳа дар якҷоягӣ бо фермерон якчанд чорабиниҳоро барои аз байн бурдан ва суст намудани оқибатҳои касалиҳо гузаронид.



Инчунин бояд қайд намуд, ки аз рӯи дархости ГФ машваратҳо оиди масъалаҳои зерин расонида шуданд:






- омода намудани тухмиҳо барои кориш, дорупошӣ
- тайёр намудани кӯчатҳо барои кӯчаткунӣ дар гармхонаҳо
- профилактика ва усулҳои мубориза муқобили касалиҳои помидор дар шароити гармхона
- муаммои мутобиқкунонии навъҳои нав ва талаботи навъҳои помидори воридшаванда
- касалиҳои занбӯруғӣ ва бактериядори помидорҳо.

Дар марҳалаи лоиҳавӣ 7 мактаби саҳроии фермерон (МСФ) дар ноҳияҳои Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов ва Спитамен ташкил карда шуданд.

МСФ ҷараёни гурӯҳии омӯзиш буда, аз ҷониби бисёр давлатҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва оҷонсиҳои байналмилалӣ барои тараққӣ додани идоракунии якҷояи истеҳсолот (ИЯИ) истифода бурда мешуд. Нахустин МСФ-ҳо аз тарафи Ташкилоти Озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) дар Индонезия соли 1989 ташкил ва ба амал татбиқ карда шуда буданд ва аз ҳамон вақт бештар аз ду миллион фермерон дар тамоми гӯшаву канори Осиё чунин намуди омӯзишро гузаштаанд.

Ҳамин тавр дар н. Б. Ғафуров 3 МСФ бо миқдори умумии 51 нафар фермерон ҳамчун иштирокчиён, бо миқдори умумии 15 гектар кишти помидорӣ, ташкил карда шуданд.

Дар н. Спитамен як МСФ бо миқдори 20 нафар фермерон, ки онҳо низ ба парвариши помидор дар майдони умумии 6,50 гектар замин равона карда шудаанд, ташкил карда шуд.

Инчунин дар н. Ҷ. Расулов дар ҷамоати Ғӯлакандоз ва Янгиҳаёт 3 МСФ бо иштироки 48 нафар фермерон бо майдони умумии 14 гектар ташкил карда шуданд.

Дар гузаронидани МСФ 119 фермерон иштирок намуда чунин донишҳоро аз худ намуданд:

Интихоби тухмиҳо; харитаи технологӣ; коркарди сабзавот; роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии хок; мафҳуми коркардҳои байни ҷӯякҳо; намудҳои нуриҳои минералӣ; поруҳои органикӣ; компост; гармхонаҳо; таҷрибагузаронӣ; интихоби ҷой ва роҳҳои таҷриба; ороиши майдони таҷрибавӣ; доруҳои биологӣ; зараркунандаҳо ва касалиҳои растанӣ; сабзишҳо дар гармхонаҳо; профилактика (тадбирҳои пешгирӣ) ва чораҳои муборизабарӣ бар зидди зараркунандаҳо; кишт дар гармхона; нигоҳубини гармхона; мӯҳлат ва меъёрҳои обмонӣ;






вайроншавии физиологии растанӣ; хусусиятҳои морфологӣ ва биологии помидор; тайёркунии хок дар мавсими баҳор; морфологияи заракунандаҳо; совкаи тирамоҳӣ ва совкаи пахта; ширинча (тля); кӯчат кардан; амалия; схемаи кӯчаткунӣ; мулчаронӣ - (бо коғаз, пахол, торф ва монанди ин пӯшондани болои хоки кишт барои пайдо нашудани алафҳои бегона ва намии хок); касалиҳои ҳалокатовар; фитофтора (касалие, ки аз ин занбуруғ ба амал меояд); антракноз (навъи касалии решаи растаниҳо); алтернария; низоми агроэко ва ғ.

Баъд аз нақшабандии якҷоя бо корхонаҳои коркардкунӣ 50 нафар фермерон навъҳои нави саноатии помидорро дар майдони 8 гектар парвариш намуданд, понздаҳ хоҷагиҳои деҳқонӣ аввалин бор худашон кӯчаткунии зери плёнкавии ниҳолҳои помидорро оғоз намуданд, ду гурӯҳ аз қатори 25 нафар фермерон қарзҳо аз ФҚХ «Нов Кредит» гирифтанд ва зиёда аз ними фермерон усулҳои биологии парвариши помидорро ва тарзҳои мубориза бар муқобили заракунандаҳои зироатро (габрабракон, трихограмма, ИСО, моеъи бордосӣ, златогузка ва ғ.) аз худ намуданд. Гурӯҳ барои мубориза бар зидди заракунандаҳои зироатпарварӣ ташкил карда шуда, ба он 8 дона асбоби дорупошӣ, инчунин захираҳои нигоҳдоранда дар намуди даҳони фаранг (медный купорос), сулфур (олтингӯгирт), сатилҳо, дока ва ғайра барои тайёр намудани ИСО дода шудаанд.

Соли 2011, чӣ тавре ки ба шумо хабар дода будем, «ОДРИ Нов» амалӣ намудани марҳалаи нави лоиҳаи «Рушди Бозори Маҳаллӣ»-ро оғоз намуд ва гузаронидани фаъолияти минбаъдаро дар минтақаи мақсадноки лоиҳа - ҷамоати Овчи Қалъачаи н. Б. Ғафуровро ба нақша гирифта аст:

Миқдори умумии ГФ 7-то (95 фермеронро дар бар мегирад)

Масоҳати умумии парвариши помидор: 25 га, ҳосили умумии дар назар дошташуда 1000 тонна.

Шартнома бо комбинати консервабарорӣ оиди дастрас намудани 100 тонна помидор ва бо оҷонсиҳои савдо 250 тоннаро ташкил медиҳад.

# ИШТИРОК

**Иштирок, ё ки ҷалб шудани ҷомеа худ аз худ рӯй намедиҳад. Ҷомеаро бояд ҳавасманд кунонид.**

**Маводи таълимии мазкур барои касоне пешбинӣ шудааст, ки фаъолияташон ба чунин ҳавасмандкунӣ равона карда шудааст. Ин як намуди дастурамал барои мутахассисони сафарбаркунии ҷомеа мебошад, ки барои тағйирёбии иҷтимоӣ дар ҷомеа ба самти рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ фаъолият мебаранд.**

*Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта*

**ФАСИЛИТАТСИЯ (Мусоидат намудан)**

Промоутер бояд натанҳо малакаи омӯзгорӣ (тренерӣ), балки инчунин малакаи фасилитатсия (мусоидат намуданро) низ дошта бошад.

**Фасилитатор кист?**

Калимаи фасилитатсия (facilitation) дар тарҷума аз забони англисӣ маънои осон намудани ягон чиз, мусоидат намудан ба ягон чизро медиҳад.

Фасилитатсияро дар вақти зарурати ба гурӯҳ қабул кардани ягон қарор, ё ки пешакӣ муайян кардани роҳҳои ҳалли ягон муаммо истифода бурдан мумкин аст. Ҳолатҳое мешаванд, ки одамон «ба як махраҷи ягона» омада наметавонанд, ба сарбастагӣ (ноилоҷӣ) дучор мешаванд, мана дар ҳамин маврид фасилитатсия хело зарур ва ба таври ғайриоддӣ фоиданок мебошад.

**Фаъолияти фасилитатор аз чиҳо иборат аст:**

-Рӯзмара омода мекунад.
-Муҳокимаи гурӯҳиро оиди мавзӯъи интихобшуда муайян мекунад.
-Лаҳзаҳои нофаҳморо возеҳ мекунад.
-Натиҷабарорӣ мекунад.
-Дастгирӣ мекунад ва илҳом мебахшад.
-Одамон ва ақидаҳои онҳоро мепазирад.
-Ҳамаи ғояҳоро таҳқиқ мекунад.
-Фазои озодро ба ҳар як иштирокчӣ муҳайё мекунад.
-Қарорро аз рӯи муҳокимаи гурӯҳӣ қабул мекунад.
-Мусбӣ рафтор мекунад.

Барои промоутерон

| Фасилитатсия чист | Чӣ фасилитатсия намебошад |
|---|---|
| Фасилитатсия –ин муҳокима аст | Фасилитатсия – ин ҳикоя, ё ки лексия намебошад |
| Фасилитатсия – ин рушди гурӯҳ мебошад | Фасилитатсия – ин ҳал намудани муаммоҳои хусусӣ ва шахсӣ намебошад |
| Фасилитатсия – ин саҳми ҳар як нафар ба кор мебошад | Фасилитатсия – ин танҳо посухи ҷавобҳо намебошад |

-Созишномаи аз тарафи гурӯҳ қабулшударо муқоиса ва тасвият мекунад.
-Қоидаҳои за тарафи гурӯҳ қабулшударо таъқиб мекунад.
-Дигаронро гӯш мекунад ва дарк мекунад.
-Кайфияти оташин ва пурҷӯшро таҳомул мекунад.
-Гурӯҳро ба созиш меорад.
-Гурӯҳро ба самти мақсадҳои гузошташуда пеш мебарад.

**Фасилитатсия ва тренинг ҳарду як хел <u>нестанд</u>.**
**Фасилитатсия ин як сӯҳбати ғайриоддии саволу ҷавоб мебошад.**
**Фасилитатсия ин ягон гуна афсунгарӣ <u>намебошад</u>.**

